# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода ба диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе. – 2021. – 309 саҳифа.**

Дар муқаддима мухимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методология ва методи таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқ, арзиши амалии таҳқиқ, хронологияи таҳқиқ, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, саҳми фардии муаллиф, сохт ва ҳаҷми диссертатсия дар асоси талаботи рисолаи илмӣ дуруст оварда, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома”** – масъалаҳои назарии таҳқиқи сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар ва навъҳои сафарномаро дар бар мегирад.

Дар фасли якум – **“Андешаҳои муҳаққиқон дар бораи жанри сафарнома”** – андешаҳои олимону муҳаққиқони тоҷик оид ба “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баъдан жанри сафарнома ва паҳлуҳои гуногуни он баррасӣ гардидааст. Чунин андешаҳоро муҳаққиқ аз нигоҳи методологӣ ба ду қисм ҷудо кардааст:

1. Назари муҳаққиқони адабиётшинос, ки бештар ба ҷанбаи бадеии масъала диққат додаанд;
2. Назари муҳаққиқони публитсистика, ки ба воқеият ва воқеиятнигорӣ такя мекунанд.

Ба андешаи Бозорзода Н. мавҷуд будани “лаҳзаҳои бадеӣ” ва нақл кардани “ҳодисаҳои адабӣ” маънои онро надорад, ки «Сафарнома» асари соф адабии бадеӣ аст. Дар сафарнома низ бадеият хос буда, рангоранг тасвир намудани ҳодисаю воқеаҳо мумкин аст ва табиати жанр ҳам инро тақозо мекунад.

Ба андешаи докторант жанри «Сафарнома»-ро сафарномаи очеркӣ гуфтани баъзе муҳаққиқон аз он сабаб буда, ки сафарнома ҳамчун жанри алоҳида шинохта нашуда буд. Ба андешаи мо, очерк жанри алоҳида асту бештар вазифаи чеҳранигорӣ дорад ва сафарнома бо хусусиятҳои хоссааш аз он фарқ мекунад. Сафарномаро бе хатти ҳаракати сафар, мавқеи фаъоли муаллиф, рангорангии ҳодисаю воқеаҳо тасаввур кардан мушкил аст.

Аз мутолиаи диссертатсия чунин хулоса бармеояд, ки истилоҳи «сафарнома» ва «саёҳатнома» моҳиятан ифодагари як маънову як жанранд, аммо калимаи "сафарнома" маъмул гардида, истилоҳи жанриро касб намудааст.

Дар фасли дуюми боби якум – **"Хусусиятҳои жанрии сафарнома"** – вижагиҳои жанрии сафарнома, тафовути он аз жанрҳои дигари публитсистика, бахусус лавҳаю репортаж ва очерку мақола нишон дода шудааст.

Сафарнома бо ду хусусияти барҷастааш аз дигар жанрҳо фарқ мекунад:

Аввалан, сафарнома аз маҷмӯи фактҳои хос, ҳодисот, вазъият, ҷараёни ҳаёти ҷамъият иборат мебошад. Яъне, ин ҷо факту ҳодисаи алоҳида не, балки маҷмӯи факту воқеаҳо дар назар дошта шудааст.

Дуюм, нигорандаи сафарнома ҳар як факти ҷудогона, ҳодисаи ҷудогонаро на ба таври мустақил, балки ҳамчун қисми таркибии ҳодисоту воқеот баррасӣ мекунад. Яъне, фактҳои алоҳида сафарномаро ба жанрҳои дигари публитсистӣ наздик созанд ҳам, таҳлили маҷмӯи онҳо аз махсусияти жанри сафарнома ба шумор меравад.

Диссертант дар байни очерки сафарӣ ва сафарнома фарқ гузошта, очеркро ба проблемавӣ ва портретӣ тақсим намудааст. Аз тарафи дигар, сафарномаро чун жанри мустақил баррасӣ карда, маводи зери истилоҳи "очерки сафарӣ" қарордоштаро ба жанри сафарнома мансуб донистааст.

Дар диссертатсия фарқияти сафарнома ва ёддошту хотира низ мушаххас карда шудааст.

Ба ҳамин тариқ, Бозорзода Нуриддин сафарномаро ҳамчун жанри мустақили публитсистию бадеӣ мешуморад, ки аз хусусиятҳои жанрҳои публитсистика хеле моҳирона истифода мекунад, чунки дар он ҳам факту рақам, ҳодисаву воқеа, инсони кору пайкор тасвир меёбаду ҳам проблемаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва табиист, ки муаллиф-шоҳид нисбат ба дидаву шунидаву мушоҳидаҳояш фикр меронад, онҳоро муқоиса мекунад ва хулосаҳо мебарорад.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **"Мавқеи муаллиф ва хатти ҳаракат дар сафарнома"** унвон дошта, дар он масъалаи мавқеи муаллиф дар жанрҳои журналистика, бахусус сафарнома, баҳсу андеша ва назари олимону муҳаққиқони публитсистика, хусусан, В.В. Учёнова, В.Г. Белинский, И. Гончаров, Д.И Писарев, В. Шепелев, Тургенев, А. Савенков ва публитсистон, чун И. Файзуллоев, М. Муллоҷонов, Х. Шарифов, А. Қаҳҳоров, М. Хоҷаев, С. Шмёркин ва дигарон дар мавриди сафар ва аҳамияти он ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Ба андешаи диссертант дар сафарнома нақши сухангӯ, муаллиф - қаҳрамони асар, хеле барҷаста аст ва яке аз аломатҳои муҳимтарин ва муайянкунандаи ин жанр иштироки фаъоли муаллиф дар асар аст.

Фасли чоруми боби якум – **“Навъҳои сафарнома”** – баҳси қонуниятҳои сужетӣ-композитсионии сафарнома, махсусиятҳои жанрӣ, навъҳои сафарнома, сафарномаҳои насрӣ ва назмиро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия навъҳои гуногуни сафарнома – рӯзномаи сафар, қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар муфассал баррасӣ шудаанд.

Дар диссертатсия танҳо сафарномаҳои насрӣ ва назмиро ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия **“Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ”** заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик дар заминаи таҳлили асарҳои «Таърихи Байҳақӣ» ва таърихҳои дигар, «Зафарнома»-и Ш. Яздӣ ва асарҳои шабеҳи он, «Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд» ва чанде аз навиштаҳои Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и З.Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и А. Дониш, баъзе қисмҳои тазкираҳо нишон дода шудааст.

Фасли якуми ин боб “**Заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик”** унвон дорад. Дар ин фасл заминаҳои ба вуҷуд омадани сафарнома ба таври мушаххас баён шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – “**Анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX”** идомаи анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо таҳлили вижагиҳои умумӣ ва хоссаи асарҳои «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш (1875-1882), «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абураҳмони Мустаҷир (1870), «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ (1887), «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким (1907), «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшании Бухороӣ (1909) ва ғайра нишон дода шудааст.

Аз баррасии сафарномаҳои зикршуда чунин хулоса бармеояд, ки сафарноманависӣ дар публитсистика ва адабиёти тоҷик заминаҳои қадимиву боэътимод дорад ва дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳам ин анъана идома ёфтааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Ташаккули матбуоти даврӣ ва инкишофи анъанаи сафарноманависӣ”** унвон дошта, дар он марҳилаҳои инкишофи сафарнома, воқеиёти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои

матбуотӣ, таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – **“Воқеияти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ”** марҳилаҳои таърихии ташаккулу таҳаввули сафарнома дар асоси намунаҳои сафарномаҳои матбуоти даврӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия се давраи таърихии ташаккулу таҳаввули сафарнома: аз асри XI то нимаи дувуми асри XIX (аз замони Носири Хусрав то маорифпарварони тоҷик); аз солҳои 20-уми асри XX то солҳои 90-уми асри XX (баъди таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули матбуоти даврӣ) ва солҳои 90-уми асри XX то ҳол муфассал таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Аксари сафарномаҳо аз ҳаёти ҷумҳурӣ таълиф гардидаро Бозорзода Н.Ш. ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: а) сафарномаҳое, ки адибон ва рӯзноманигорони ҷумҳурӣ аз ҳаёти кишвар нигоштаанд; б) сайёҳони русу хориҷӣ аз диду боздидҳои хеш аз ҷумҳурии мо сафарнома таълиф намудаанд.

Дар инъикоси таассуроти муаллифони дохиливу хориҷӣ матбуоти тоҷик, махсусан маҷаллаи “Садои Шарқ” нақши муҳим доштааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм **“Таҳлили таносубии мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо”** мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар мисоли сафарномаҳои аз ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ нигошташуда ва сафарномаҳои вазъи ҳаёти мамолики хориҷиро таҷассумнамуда таносубан таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Боби чоруми диссертатсия **«Таҳаввули сафарнома дар матбуоти замони истиқлол”** унвонгузорӣ шудааст. Ин боб заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома, хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуоти давриро дар бар мегирад.

Дар фасли якуми ин боб – **“Заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома”** таҳаввули жанри сафарнома дар замони истиқлолият мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Дар замони истиқлолият дар матбуоти тоҷик сафарномаҳои зиёде рӯйи чоп омадаанд. Хосатан, ҳафтаномаҳои “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Тоҷикистон”, “Фараж”, “Адабиёт ва санъат”, “Озодагон”, “Нигоҳ”, “Миллат”, “СССР”, “Минбари халқ”, “Чархи гардун”, “Омӯзгор” ва ғайра сафарномаҳоро рӯйи чоп овардаанд.

Дар диссертатсия сафарномаҳои нашрияҳои зикршуда алоҳида-алоҳида ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд.

Мавзӯи баҳси фасли дуюми боби чорум **“Хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуотӣ”** аст. Аз нигоҳи хусусиятҳои мундариҷавӣ сафарномаҳои матбуоти даврӣ гуногунанд. Ин рангинӣ хосатан дар таассуроти сафари нигорандагони тоҷик аз хориҷи кишвар ва сафарномаҳои сайёҳони хориҷӣ аз боздиди кишвари мо ба чашм мерасад.

Хусусиятҳои хоси ин сафарномаҳо аз он иборат аст, ки ҳаёти дохилии кишварро аз паҳлӯву мавзӯъҳои гуногун баррасӣ намуда, хонандаро бо бурду бохти корхонаву муассиса, коргоҳҳои азим, урфу одат ва тарзи зисту зиндагонии мардуми кӯҳистон, нақбҳо ва ғайра ошно месозанд.

Сафарномаҳои сайёҳони хориҷӣ бошад аз натиҷаи таассуроташон аз кишвари мо ба нашр расидаанд. Теъдоди ин гуна сафарномаҳо зиёд набудааст.

Боби панҷуми диссертатсия “**Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома**” унвон дорад. Ин боб маҳорати нигорандагии қаламкашонро дар эҷоди сафарнома ва таносуби воқеияту бадеиятро дар сафарнома бозгӯ мекунад.

Фасли якуми боби панҷум **«Маҳорати нигоранда дар эҷоди сафарнома**” ном дошта, дар асоси андешаҳои олимону муҳаққиқон муҳим будани забони пухтаву равони нигоранда ва маҳорати касбии ӯ дар эҷоди сафарнома нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки дар офариниши сафарнома маҳорати баланди нигоранда муҳим аст. Бе маҳорат, бе таҷрибаи нигорандагӣ, бе донишу ҷаҳонбинии васеъ, бе таҷрибаи хуби зиндагӣ сафарномаи хуб навиштан мумкин нест.

Дар офариниши сафарнома ҳам забон чун унсури асосӣ хидмат мекунад. Вазифаи ҳар як фард, хусусан аҳли қалам аст, ки ба забон ва истифода аз он муносибати ҷиддӣ дошта бошад, хулоса кардааст муаллиф.

Фасли дуюми боби панҷум **“Таносуби воқеият ва бадеият дар сафарнома”** ном дорад. Масъалаи воқеият ва бадеият дар публитсистикашиносӣ ва адабиётшиносӣ аз мавзӯъҳои марказӣ маҳсуб меёбад, зеро дар шинохти асарҳои публитсистӣ ва бадеӣ маҳз воқеият ва бадеият нақши ҳалкунанда мебозад. Воқеият ва бадеият паҳлӯи ҳам қарор доранд.

Услуби хуб аз мавзӯи асосии сафарнома, мазмуну мундариҷа ва вазифаҳои дар назди он гузошташуда вобаста мебошад. Таҳқиқи сафарномаҳо нишон дод, ки услубҳо гуногун мешаванд ва дар байни онҳо ду равияи маъмул – услуби бадеию образнок ва илмӣ-публитсистӣ, ки яке, оҳанги лирикӣ, дигаре, сиёсӣ дорад, ҷудо шуда меистад.

Дар сафарномаҳои матбуоти даврӣ ду тарзи корбасти забон ба мушоҳида расид: 1) забони навиштаҳо одӣ ва ба тарзи нақл буда, бадеият дар онҳо камтар аст. Дар ин гуна сафарномаҳо нақл мавқеи хоса дорад; 2) дар гурӯҳи дигари сафарномаҳо бадеияти баланд ва тасвирҳои образнок истифода мегарданд. Муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки таносуби воқеият ва бадеият дар сафарнома риоя мешавад. Бадеияти сафарнома ба қадри имкон ва тавони нигорандагон буда, ҳеҷ гоҳ воқеиятро рӯйпӯш намекунад, баръакс, барои хушобуранг шудани сафарнома мусоидат мекунад.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи мавзӯъ дар 20 банд ҷамъбаст карда шудааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дошта, онро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси фанҳои асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика, жанрҳои журналистика, таърихи публитсистикаи тоҷик, мактаб ва ҷараёнҳои публитсистӣ истифода кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия баъзе андашаҳо баҳсбарангез аст, ки эзоҳ мехоҳад:

1. Махсусияти жанри сафарнома проблемагузорӣ нест, лекин дар очерки сафарӣ масъалагузорӣ вуҷуд дошта метавонад. Аз ин лиҳоз, жанри сафарнома ва очерки сафарӣ арзи вуҷуд карда метавонанд.

2. Сониян, намудҳои сафарнома, ки бадеӣ ва фантастикӣ номбар шудаанд, онҳо публитсистика буда метавонад ё не.

3. Мисолҳо ва муқоисаи ин жанр дар журналистикаи электронӣ (телевизион, радио, веб-журналистика)-ро муҳаққиқ ҳангоми омӯзиш ва баррасиии мавзӯи мавриди назар қарор надодааст, азбаски таҳқиқ назарияро дар бар мегирад, ба он таваҷҷуҳ кардан ҳам хуб мебуд.

4. Баъзан ғалатҳои техники, ки ба назар расид, ба муҳтавои илмии диссертатсияи докторӣ таъсиргузор нест, вале ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Автореферат ва 45 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 19-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, вакили МНМО ҶТ** **Р.М. Бобоҷониён**

Маълумот барои иртибот

Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна

д.и.филологӣ, (аз 16.11.2007 № 46д/33)

Ҷойи кор:

Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазифа: вакил

ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 42

Тел 8372- 21 3167

Rano-bobojon@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Бобоҷониён Р.М. -ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсус Турахонов Ф.

тел. 2213307

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС